# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Дар шароити муосир аҳамияти таҳсилот ва фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ дар ташаккули шахсияте, ки ба зиндагӣ дар олами технологияҳои сатҳаш баланд, иттилоотӣ ва рақобатпазирӣ омода аст, торафт афзун мешавад. Муаммои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ дар илмҳои педагогӣ яке аз муаммоҳои калидӣ мебошад. Фаъолнокии маърифатӣ ангезаи муҳимтарини омӯзиши мактаббачагон, кафили муваффақият мебошад. Он дар фаъолнокӣ ва бодиққатии хонандагон дар дарс, дар вокунишҳои эмотсионалии онҳо, дар саволҳо ба омӯзгор, дар мутолиаи адабиёти иловагӣ ва ғайра зоҳир мегардад. Бинобар ин, донистани асосҳои педагогии истифодаи воситаву тарзҳои ангезиш, дастгирӣ ва тақвияти шавқу рағбати хонандагон ҳамчун омилҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар дарсҳои биология заруранд.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дар таҳқиқот моҳияти фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ дақиқ намуда, асосҳои назариявии онро ошкор гардонад, ҳамбастагии байни фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ ва инкишофи соҳаи арзишӣ-ангезишии шахсияти мактаббача муқаррар намояд, ки ҳамаи ин барои тасаввуроти назариявии васеътар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ замина фароҳам меорад.

Таҳлили мазмуни фишурдаи тадқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки муаммои асосӣ барои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ татбиқи дидгоҳҳои методологӣ ва назариявӣ мебошанд, ки ба тамоми меъёрҳои психологию педагогӣ мувофиқат карда, раванди фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагонро ҳангоми таълими фанҳои биологӣ дар мактаб таъмин менамоянд. Вобаста ба ин, дар тадқиқот муаллиф иҷрои вазифаҳои зеринро зарур

мешуморад: амалӣ намудани таҳлили таърихӣ-педагогии мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ»; таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ оид ба муаммои таҳқиқот; коркарди амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ; асоснок намудани шартҳои педагогие, ки барои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд; коркарди технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ; тариқи озмоиш санҷидани самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ.

Тадқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда навоварии барҷастаи илмӣ ва аҳамияти назариявӣ дорад. Кор аз ҷиҳати методӣ дуруст ба роҳ монда шуда, ҳамаи натиҷаҳо ва хулосаҳо асоснок ва бо далел мебошанд.

Дар боби якум муҳаққиқ перомуни хусусиятҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон ва амсилаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии онҳо дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ таҳқиқот бурда, дар боби дуюм методҳо, шаклу воситаҳои асосӣ, рафти кори озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи коркардшуда ва санҷидани шартҳои педагогӣ бо мақсади фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки сохтори илмии тадқиқот дуруст тартиб дода шуда, ҳадаф, объект, мавзуъ, гипотеза ва вазифаҳо бо ҳам алоқамандrealand ва мантиқи тамоми кори илмиро ифода мекунанд. Ин махсусан дар марҳалаи таҷриба равшан зоҳир гардидааст. Дар ин ҷо муаллиф хуб донистани усулҳои таҷрибавӣ, таҳлили натиҷаҳо, хулосаҳои чуқурро ба таври боварибахш нишон медиҳад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 10 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 6 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти диссертатсионии М.Дадобоева тадқиқоти ба анҷом расидаест, ки натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмиро дарбар

мегирад ва муаммои илмиеро, ки барои назария ва амалияи педагогикаи муосир ахамияти калон дорад, ҳал мекунад. Дар асоси таҳлили автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳқиқи диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)» ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, довталаб сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муовини директор оид ба тарбия
ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Аҳророва Г.У.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел.: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj

*Имзои н.и.ф., дотсент Аҳророва Г.- ро тасдиқ менамоям.*

*Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи*
*давлатии тиҷорати Тоҷикистон* *Маҳмудов Ш.У.*

27.03.2023с.